“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.

“20” 06 2023

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Унвонҷӯи соли 2016 шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҳамзамон унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо Қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2020 таҳти №2 (20-21) тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: Назаров Аваз Қувватович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2023 (с/м № 11) ба ҳимоя тавсия шудааст.

Тавре мушоҳида мегардад, ҷинояткорӣ сол то сол тамоюли инкишофёбиро дошта, як самти мушаххаси онро кирдорҳои зӯроварӣ дар оила ташкил медиҳанд.

Бояд гуфт, ки ҳамзамон кирдорҳои зӯроварона дар оила сабаби эътирози аксарияти инсонҳо гардида, пешгирӣ ва нест намудани он яке аз талаботи дахлдори замони муосир ба ҳисоб меравад.

Агар ҷиноятҳои бар зидди моликият, ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ба аҳли ҷомеа зарари иқтисодию рӯҳӣ расонида, ба фаъолияти муассисаҳо ва шахсони вазифадор монеа эҷод намоянд ва муносибатҳои ҷамъиятиро халалдор созанд, пас зӯроварӣ дар оила арзишҳои олии инсонӣ – ҳаёт ва саломатии ӯро зери хатар мегузорад.

Кирдорҳои зӯроварӣ дар оила як падидаи хеле хатарноки зиддиҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, аз он ҳар гуна оқибатҳои фоҷиаоварро метавон интизор шуд. Ин раванд ба афзоиши некуаҳволии моддӣ ва маънавӣ халал мерасонад, ба истиқлолияти миллӣ ва муносибатҳои байни давлатҳо таҳдид ба миён меоварад . Огоҳӣ аз ноамнии худ, эҳсоси хатар ба амнияти шахсӣ, инчунин ба амнияти фарзандон ва наздикони худ, ки ин ҳама аз омилҳои зӯроварӣ бармеоянд, боиси ранҷу машаққати инсон гардида, ӯро аз зиндагии шоиста маҳрум месозад, ин амали номатлуб шубҳа, қасосгирӣ, хашм, асабониятро ба миён оварда, ба қишри махсус ва ҳассостарини ҷомеа – занон ва ноболиғон таъсири манфӣ мерасонад .

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар ҳаёти рӯзмарраи мардуми Тоҷикистон зӯроварӣ дар оила инкишоф ёфта, ин ҳолат дар самтҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ низ дар раванди инкишофёбӣ қарор дорад. Таҳлилҳои маълумотҳои оморӣ низ муайян намуданд, ки дар Тоҷикистон ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар

оила солҳои охир афзоиш ёфтааст. Барои бартараф намудани ин кирдорҳо ва коҳиш додани ин навъи ҷиноятҳо бояд таъсири огоҳӣ дар онҳо зиёдтар карда шавад, сабабҳои калидие, ки боиси ҷинояткорӣ дар муносибатҳои оилавӣ ва маишӣ мегарданд, таҳти назорати мақомотҳои дахлдор қарор дода шаванд. Яъне, дар ҷомеа масъалаи таъмини амнияти оила ва ҳифзи он нисбат ба таҳдид ва зӯроварии ҷинояткорона муҳимтар арзёбӣ гардад.

Хавфи иҷтимоии ин навъи ҷиноят на танҳо дар фарорасии оқибатҳои ҷиноятӣ – расонидани зарар ба саломатии инсон боис мегардад, балки сабаби марги ӯ мешавад. Дар алоқамандӣ бо ақидаҳои дар боло овардашуда, ва бо мақсади андешидани чораҳои мушаххас, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд гардидааст: «… Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад». Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии асосҳои назариявӣ ва амалии истифодаи воситаҳои криминологӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, инчунин, таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба беҳтар намудани амалияи татбиқи ҳуқуқӣ ва пешгирӣ намудани ин навъи ҷиноятҳо вобаста ба вазъи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои зикргардида иҷрои вазифаҳои зерин пеш меояд:

– мураттаб сохтани консепсия ва таҳлилу баррасии навъҳои асосии зӯроварӣ дар оила;

– омӯзиши вазъи кунунии мушкилоти ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он;

– омӯзиши омилҳои зӯроварӣ дар оила;

– таҳқиқи ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи) ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила;

– таҳлили сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила;

– таҳлили чораҳои умумии криминологӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– таҳлили чораҳои махсуси криминологӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** меъёрҳои муқаррароти аслии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуқуқи башарӣ, криминология, ҳамзамон адабиётҳои бевоситаи ба объекти таҳқиқ алоқаманди соҳаҳои назарияиявии умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ, конститутсионӣ, оилавӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи судӣ, граждани ва маъмурӣ, ҷомеашиносӣ, психология ва педагогика ташкил медиҳанд. Дигар адабиётҳои ҳуқуқии дахлдор аз қабили мақолаҳо, маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ ва семинарҳо, ки ба масъалаи мазкур дахл доранд, низ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** усулҳои илмҳои назарияи гендерӣ, психология, фалсафа, сотсиология, инчунин, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (криминология, ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонуни мурофиавии ҷиноятӣ) ташкил додаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии таҳлилӣ, муқоисавӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, омориву криминологӣ, таҳлили системавии сохториву гендерӣ дар шароити ватанӣ ва дар давлатҳои хориҷи кишвар истифода шудаанд.

**Навгонии илмии рисола** дар он ифода меёбад, ки масъалаи зӯроварӣ дар оила аз нуқтаи назари криминологӣ бори аввал ба шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ мешавад. Таҳлили криминологии дар кишварҳои хориҷӣ анҷомёфта дар самти муайян

намудани асосҳои бунёдии фарқият ва сабабҳои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти зӯроварӣ дар оила ба таври васеъ бозгӯӣ шуд. Зарурати ҷудо кардани як қатор ҷиноятҳо – зуҳуроти хоси зӯроварӣ дар оила ба таркибҳои махсусе, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз дигар навъи ҷиноятҳо фарқ мекунанд, асоснок карда шудааст. Таҳлили хусусиятҳои аз ҷиҳати криминологӣ муҳимми ин навъи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ сурат гирифтааст. Дар диссертатсия тавсифи муфассали криминологии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, инчунин шахсоне, ки онҳоро содир кардаанд, амалӣ гардид, инчунин, маҷмуи сабабҳои содир шудани ин намуди ҷиноятҳо таҳлил карда шуд. Дар баробари ин, навгонии илмии диссертатсия бо асосноксозӣ ва таҳияи як қатор чораҳои пешгирикунанда, аз ҷумла, дар қонунгузории Тоҷикистон қабул кардани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба пешгирии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила нигаронида шудаанд, алоқаманд мебошад.

**Оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия** аз ҷониби муаллиф 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ва 1 монография нашр шудаанд, аз он ҷумла:

**I.Монография**

[1–М]. Ғафорова, Ш. А. Таҳқиқоти криминологии зуроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова. Монография. – Душанбе, 2023. – 207 с. ISBN 978-99985-41-22-1

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[2–М]. Ғафорова, Ш. А. Таҳлили мафҳум ва намудҳои зӯроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.– Душанбе, 2020. №1.-С. 217-221. ISSN

2413–5151.

[3–М]. Ғафорова, Ш.А. Намудҳои зӯроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.– Душанбе, 2020. – №9. – С. 348-351. ISSN 2413–5151.

[4–М]. Ғафорова, Ш.А. Зӯроварии оилавӣ ва ё зӯроварӣ дар оила? [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.Қ. I. – Душанбе, 2020.-№10. -С.245-249. ISSN 2413–5151.

[5–М]. Назаров, А. Қ., Ғафорова, Ш. А. Омилҳои криминологии зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оила [Матн] / А. Қ. Назаров, Ш. А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қ. II. – Душанбе, 2021.-№3. –С.210-216. ISSN 2413–5151.

[6–М]. Назаров, А. Қ., Ғафорова, Ш. А. Сабабҳои криминологӣ ва психологии зӯроварӣ дар оила [Матн] / А. Қ. Назаров, Ш. А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2021.-№6. –С. 211-217. ISSN 2413–5151.

[7–М]. Ғафорова, Ш. А. Солимии оила ҳамчун усули пешгирикунандаи ҷинояткорӣ [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Қонунгузорӣ, маҷаллаи илмӣ-таҳлилӣ-Душанбе, 2021. №2 (42). –С.102-105. ISSN 2410-2903.

[8–М]. Ғафорова, Ш. А. Таҳлили виктимологии қурбониёни хушунати оилавӣ [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Қонунгузорӣ, маҷаллаи илмӣ-таҳлилӣ-Душанбе, 2021.№3 (43). –С.121-125. ISSN 2410-2903.

[9–М]. Ғафорова, Ш. А. Мушкилоти иҷтимой-ҳуқуқии зӯроварӣ дар оила нисбати занон ва ноболиғон [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Душанбе, 2021.-№4 (016). –С.166-169. ISSN 2070-2569.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[10–М]. Ғафорова, Ш. А. Проблемаҳои криминологӣ-ҳуқуқии хушунати

оилавӣ [Матн] /Ш.А. Ғафорова // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ бахшида ба солгарди қабули Эъломияи ҳуқуқи башар ва Рӯзи байналмиллалии муқовимат бо коррупсия «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеъият ва дурнамо» (03 декабри 2021) – Душанбе, 2022. –С.308-316.

[11–М]. Ғафорова, Ш. А. Сироят кардан ба бемории вируси норасоии масунияти одам, ҳамчун шакли зуҳури зӯроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Маҷаллаи байналмиллалии илмию амалӣ «Endless Light in Science» (21 ноябри соли 2022) - Алмаато, Қазоқистон, 2022.-С.34-39

[12–М]. Ғафорова, Ш. А. Сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа ва пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Маҷаллаи байналмиллалии илмию амалӣ «Endless Light in Science» (17 декабри соли 2022) - Алмаато, Қазоқистон, 2022. -С.139-143

[13–М]. Ғафорова, Ш. А. Таҳлили криминологии динамикаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» (09 декабри соли 2022) –Душанбе: ДМТ, 2022. –С. 361-367.

[14–М]. Ғафорова Ш.А., Назаров А.Қ. Таҳлили криминологии монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ, ҳамчун зуҳури зӯроварӣ дар оила [Матн] / Ш.А. Ғафорова, А.Қ. Назаров // Международный научно-практический конференции «XIII Ломоносовские чтения», посвешшенной 115-летию Академика Бободжона Гафурова (28-29 апреля 2023 года).-Душанбе, 2023. -С.33-39.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки барои дарки илмии мафҳуми криминологии муқовимат ба зӯроварӣ дар оила натиҷаи кори дисертатсионии мазкур асос гардида, он барои инкишофи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои ҳуқуқиву ҷиноятӣ ва криминологӣ доир ба муносибатҳои ҳифзи инсон аз зӯроварӣ аз ҷониби хешу табори наздик ва дигар аъзоёни оила замина фароҳам меорад;

хулоса ва таклифҳои аз натиҷаҳои таҳқиқот овардашуда низ дар таъсири донишҳои назариявӣ оид ба ҷиноятгкории самти зӯроварӣ дар оила шароити муқовимат намудан бар зидди ин намуди ҷиноятҳо асоси мустаҳками илмиро вуҷуд меорад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро ба таври зерин арзёбӣ намудан имкон дорад, ки натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ-оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарӣ нисбати содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила истифода шаванд; дар таҳқиқотҳои минбаъдае, ки ба таҳлили минбаъдаи манфиатҳои оила ва ноболиғон мансубанд, инчунин, дар рафти таълим дар донишкада ва факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ҳангоми омӯзиши курси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, курсҳои махсуси ин соҳа (аз ҷумла, дар муассисаҳои таълимии соҳаи педагогӣ) мавриди истифода қарор гирад; дар такмили ихтисоси кормандони самтҳои дахлдор ва хизматчиёни давлатӣ ва бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорон ва равоншиносон ба таври васеъ истифода бурда шавад; дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии оила ва аъзоёни онро муҳофизат мекунанд, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

Ҳамин тавр, аз рӯи ҳолатҳои болозикр, кафедра чунин Қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи “Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31 -37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ, шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руӣ ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "зид" - 0 нафар, "бетараф" - 0 нафар.

**Суратмаҷлис аз 17- уми июни соли 2023, № 11**

**Раискунандаи ҷаласа:**
**дотсенти кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**н.и.ҳ., Давлатзода К.Д.**

**Котиби ҷаласа: Ҳабибова Б.Х.**

**Имзои Давлатзода К.Д. ва Ҳабибова Б.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.**
**17 июни 2023 с.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ-17;
734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj